**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (7340025,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17)**

**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич, ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд» бахшида шудааст.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муҳоҷирати одамон як раванди табиӣ иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад, ки ба ҳар як ҷомеа хос аст, аммо равандҳои беназорати муҳоҷиратии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд на танҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини низоми сарҳади давлатӣ зарар расонанд, балки инчунин барои давлатҳое, ки қаламрави онҳоро муҳоҷирони ғайриқонунӣ ҳамчун маҳали транзит ё будубош интихоб мекунанд, як қатор мушкилотҳоро ба вуҷуд меоранд. Ғайр аз ин муҳоҷирати ғайриқонунӣ яке аз таҳдидҳои асосии стратегӣ ба амнияти миллии мамлакат мебошад.

Рисола дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, натиҷаҳои бадастоварда барои пешгирӣ ва муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва умуман низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муфит мебошанд. Акидаҳо ва хулосаҳои илмии дар тадқиқоти мазкур пешбинигардида, имкон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи кишвар такмил дода шавад. Дар тадқиқоти мазкур мафҳумҳои нави илмӣ, таклифҳою тавсияҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ин соҳа мавҷуд мебошад.

Инчунин мурочиати муаллиф ба таҷрибаи хориҷӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд барои боз ҳам амиқтар ошкор кардани мазмуни ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба муаллиф имкон додааст, ки бо дарназардошти пешравиҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба такмил намудани меъёрҳои мавҷудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо намояд. Дар асоси таҳлили ақидаҳои назариявӣ, амалияи татбиқ ва инчунин бо дарназардошти таҷрибаи таърихии ватанӣ, муаллиф асоснок таҳрир намудани қонунгузории ҷории ҷиноятии Тоҷикистонро пешниҳод мекунад. Таҳилҳои амиқи илмӣ, асосноксозии нуктаҳои илмӣ, ғояву афкори олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ, такя ба амалияи судӣ ва гайра имкон додаанд, ки мавзӯи таҳқиқот хуб анҷом дода шавад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз он далолат мекунанд, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд. Илова бар ин, тибқи мақсад ва вазифаҳо сохти мантиқии таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ интихоб шудааст. Он имкон дод, ки таҳқиқоти мантикӣ ва муттасили илмӣ анҷом дода шавад.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиягардида метавонанд дар самти такмили фаъолияти конунгузорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиккунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷиноятҳое, ки ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи конуни ҷиноятӣ оид ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

Навгонии илмии тадқиқот дар он ифода мегардад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши комили илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои мавзуи мазкур таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла рисоланавис маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ мансуб меёбанд: таърихи ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Тоҷикистон, ухдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон дар самти танзими муҳоҷирати ғайриқонунӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд мутобиқи қонунгузории давлатҳои ИДМ, таҳлили аломатҳои объективии ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ, таҳлили аломатҳои субъективии ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ, таркибҳои бандубастшавандаи ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ.

Ғайр аз он навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки баъди қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 1998 ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз ҷумла, моддаҳои $335^1$ ва $335^2$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардида буданд. Соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» № 1379, бори аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунӣ ба воситаи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» пешбинӣ гардид, бинобар ин рисола нахустин тадқиқоти комплексие мебошад, ки ба таҳлили масъалаи ҷавобгарии ҷинояти барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ бахшида шудааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти (маъхазҳои) истифодашуда иборат мебошад. Нақшаи рисолаи номзадӣ ба таври низомнок ва бо дарназардошти пайдарҳамии мантиқӣ омода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Хулосаҳо, муқарраротт

ва таклифу тавсияҳои асосии дар таҳқиқот пешниҳодшуда, дар мақолаҳои ба чопрасидаи муаллиф ва як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ – назариявӣ инъикос ва баён шудаанд. Аз рӯи мавзӯи рисолаи номзадӣ, муаллиф 19 мақолаҳои илмӣ аз ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расондааст.

Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда аз ҷониби муаллиф иҷро шудаанд. Диссертатсия ба талаботи навгонии илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар мақолаҳои чопнамудаи муаллиф муҳтавои асосӣ ва пешниҳодҳои муаллиф дарҷ шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзуи ««Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии
факултети муносибатҳои иқтисодии
байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Қудратов Н.А.

Имзои Қудратов Н.А. – ро
тасдиқ мекунам. Сардори раёсати
кадрҳо ва ҳуҷҷатгузорииДонишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мумтоз Назирӣ

"_____" ____________ 2020 сол.